# ТАҚРИЗИ

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи “Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ пешниҳод гардидааст.**

Муайян намудани санаҳои ҳаёт, пажуҳиши дақиқи осори бозмондаи шоир ва мутафаккир Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад Рӯдакӣ (858 – 941) аз масъалаҳои ҳалталаби илми адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Агарчи осори пажуҳишии зиёде дар хусуси тарафҳои гуногуни ин чеҳраи адаб ва ҳунари миллати тоҷик анҷом гардида бошад ҳам, вале Рӯдакӣ то ба ҳол ба таври мукаммал омӯхта нашудааст. Ин хулосаи мо ишора ба камии арзиши заҳмати олимону фарҳехтагони ба пажӯҳиши ҳаёту осори шоир коргирифта нест, балки он азамату шуҳраи офоқ будани шахсияти Рӯдакиро дар назар дорад, ки эҳтиёҷ ба пажуҳишаш рӯзафзун аст. Ҳар ҳарфи Рӯдакӣ, ҳар сухани ӯ ва ҳар таъбиру тафсире, ки дар хусуси шоир дастрас аст, бояд омӯхтаю таҳқиқ гардад, зеро Рӯдакӣ шиносномаи миллат ва шаҳодатномаи башарият аст. Аз ин лиҳоз, камина нияти унвонҷӯи шуъбаи фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Исмоилов Фаредун Хӯҷақуловичро дар мавзуи “Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ” ҳамчун иқдоми тоза дар Рӯдакишиносии тоҷик пазируфтам ва изҳори дасгирии он намудам.

Пажуҳиши Рӯдакӣ тавассути сарчашмаҳои фолклорӣ дар адабиётшиносии тоҷик иқдоми тоза ба назар расид, зеро ин масъала то ба ҳол ба таври илмӣ ва системанок мавриди таҳлил қарор нагирифта буд. Ҳарчанд ки маводи зиёде дар ин хусус ҷамъоварӣ, сабт ва андешаҳои алоҳидаи илмӣ нисбати онҳо баён шуда буданд, аммо диссертатсияи анҷомшуда нахустин асари илмии мукаммал ба ҳисоб меравад. Кӯшиш

мекунам, дар чанд саҳифаи минбаъда навҷӯйиҳои муаллиф ва натиҷаҳои илмии диссертатсияи барои ҳимоя пешниҳодшударо аз назари роҳбари илмӣ мушаххас созам.

Ибтидо, муаллиф бо пажуҳише, ки анҷом гардидааст, ошноии тӯлонӣ ва комил дорад. Исмоилов Фаредун дар муддати зиёда аз шаш сол ба ҷамъоварӣ ва таҳлилу баррасии ривояту нақлҳои мардум нисбат ба Устод Рӯдакӣ сару кор гирифтааст. Зарурат ба таъкид аст, ки муаллифи рисола бо интихоби сарчашмаҳои фолклорӣ доир ба ҳаёт ва интишори эҷодиёти Абӯабуллоҳи Рӯдакӣ аз Фонди фолклори Институт ва осори аллакай нашршуда иктифо накарда, балки шахсан худаш ба ҷамъоварии ин намуди сарчашмаҳо иқдом намудааст. Чунин иқдом барои илми муосир арзиши ниҳоят калон дорад, зеро он як қисмати амалии пажӯҳишро намудор месозад. Бар замми ин, муаллифи диссертатсия маҷмӯаи “Ривоятҳо дар бораи устод Рӯдакӣ” -ро ҷамъоварӣ намуда, ба нашр расонид (Душанбе: Истеъдод, 2015. 30 с.).

Дуюм, муаллифи рисола нақлу ривоятҳои мардумро доир ба Муқаддам-уш-шуаро вобаста ба мавзуъву мазмун тасниф ва таҳлил намудааст ва ин тарзи пажӯҳиш боис гардидааст, то: 1) лаҳзаҳои нави ҳаёт ва фаъолияти Рӯдакӣ муайян гарданд; 2) маълумоти сарчашмаҳо доир ба санаҳои алоҳидаи ҳаёту зиндагии шоир бо тасвири воқеаҳои ривоятҳои халқӣ муқоиса шаванд; 3) мавҷудияти воқеъии баъзе аз лаҳзаҳои ҳаёти шоир ба исбот расонда шавад; 4) дараҷаи таъсири дутарафаи осори шифоҳӣ ва ашъори бозмондаи Рӯдакӣ муайян гардад; 5) нақши нақлу ривоятҳо дар муайян намудани симо, хислат ва рафтору муносибати шоир муайян гардад.

Сеюм, муаллифи рисола дар тадқиқоти хеш аз манбаъҳо ва сарчашмаҳои зиёде истифода намудааст ва мустафод аз манобеву сарчашмаҳо танҳо ба хотири зикр ё иқтибоси порчае аз онҳо набуда, балки дар бисёре аз маворид онҳо ба хотири ишора ба аҳаммият ё нуқсонашон дар

мавзуи мавриди баҳс қайд мегардад. Чунин тарзи мустафод аз сарчашмаву манобеъ қимати илмии пажуҳишро афзуда, нишонгари камоли ҳунари пажуҳанда мебошад.

Ба кор гирифтани усулҳои дурусти пажуҳиш натиҷаи амиқи таҳлилро ба бор меорад. Маҳз интихоби усулҳои назарӣ ва амалии таҳлили маводи рисола арзиши дигари онро фароҳам овардааст. Муаллифи диссертатсия бо такя бар усулҳои назариявии олимони шинохтаи ватанию хориҷӣ, ки дар илмҳои фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ мавқеи асосии худро дарёфт намудаанд, истифода намудааст ва қисмати асосии таҳлили рисола бар усули таҳлили муқоисавӣ-таърихӣ қарор гирифтаст. Мустафод аз ин усул ба унвонҷӯ имкон додааст, то дар партави таҳлилу муқоисаи ривоятҳои мардумӣ ва афкори аҳли илм дар мавриди Рӯдакӣ андешаҳои илмӣ доир ба масъалаҳои таърих, заминаҳо ва раванди рушду интишори онҳо низ қайд гарданд. Маводи диссертатсия, чӣ ривояту нақлҳо ва чӣ порчаҳои шеърии чун мисол овардашуда аз ашъори Рӯдакиро бидуни таҳлили ғоя ва шакл тасаввур кардан аз имкон берун аст. Аз ин лиҳоз, унвонҷӯ тавонистааст аз усулҳои таҳлилҳои матнӣ, назариявӣ ва таҳлили назми таърихӣ, муқоисавӣ-таърихии адабиётшиносӣ ва таҳлили поэтикӣ ба таври фаровон ва мақсаднок истифода намояд.

Ҳамин тариқ, нахустин маротиба нақши ривоятҳои дар миёни мардум интишордошта ва дар сарчашмаҳои таърихию адабӣ сабтшуда дар бораи шоири шаҳир Абӯабдулоҳи Рӯдакӣ ҳамчун сарчашма жарфтар омӯхтан ва аниқтар муайян намудани санаҳои таърихӣ ва ҳаётии даврони Рӯдакӣ ба ҳайси мавзуи марказии як диссертатсия қарор дода шуда, муаллифи он ба ҳадафи дар пешаш гузошташуда ноил гардидааст.

Ҷойи зикри чанд сухан аз боби намунаҳое аз хислатҳои шахсии унвонҷӯ аст, ки дар фароҳам овардани кор мадхали мустақим доштанд. Яке аз ин хислатҳо таҳаммул ва бурдбории муаллифи рисола буд, ки ман дар муддати

зиёд ҳис намудам. Ҳар эроду пешниҳоде, ки аз тарафи ман ҳамчун роҳбари кори илмӣ ва аз ҷониби ҳамкорон мешуд, Ф.Х. Исмоилов онро бо таҳаммул пазируфта, аз нигоҳи илмӣ ба он назар меандохт ва дар доираи талаботи ҳадафу вазифаҳои кори илмии хеш онро таҷдиди назар мекард.

Хислати сахткӯшӣ аз дуюмин сарчашмаҳои муваффақият аст, ки унвонҷӯ дар тӯли омода намудани пажӯҳиш ба ҳайси диссертатсия низ аз ӯ дар канор намонд. Агар зарурат ба баргашти чандинбора ба як масъалаи таҳлил ва сарчашмаҳои он пеш меомад, Фаредун Исмоилов аз он дурӣ намеҷуст ва аз чунин таҳлилҳо бардоштҳои дигари барои рисолааш муҳимро ба даст меовард.

Бар замми ҳамаи ин, муносибати хубу дӯстона, меҳнатқаринӣ, тамкину хоксорӣ ва ба ҳангоми зарурат дастёри ҳамаи ҳамкорон будан аз хислатҳои ҳамешагии унвонҷӯ Исмоилов Фаредун ба шумор меравананд. Ҳамаи ин хислатҳо имкон доданд, то Исмоилов Ф.Х. диссертатсияи хешро дар як муҳити аҳлона ва бо дастгирии устодону ҳамкорони дигар омода намояд.

Диссертатсияи Исмоилов Фаредун Хӯҷақулович дар мавзуи "Сарчашмаҳои фолклории ҳаёт ва эҷодиёти Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ", ба талаботи КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ВАК-и Федератсияи Россия мувофиқати пурра дорад. Автореферат ва мақолаҳои нашршудаи муаллиф мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд. Муаллифи диссертатсияи пешниҳодшуда сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – Фолклоршиносӣ мебошад.

Роҳбари илмӣ:

**доктори илми филология,
сарходими шуъбаи фолклор ва
адабиёти Бадахшони Институти
илмҳои гуманитарии ба номи
Б. Искандарови АМИТ.**

Охониёзов
Варқа Дустович

*Суроға: ш.Хоруғ, кӯчаи Усмон Холдоров 2.*
*Тел.: +99293 534 3846*
*Почати эл.: shuwoz@mail.ru*

**Имзои Охониёзов В.Д.-ро тасдиқ мекунам,**
**сардори шуъбаи кадрҳои Институти**
**илмҳои гуманитарии ба номи**
**Б. Искандарови АМИТ** Шосафоева П.

«03» июни соли 2022.